Кормандони муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот” - лоиҳаи “Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон”,  Ҳамоҳангсози лоиҳа – Маҳмадиев  И., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ- Мирақилов Х., мутахассис оид ба мониторинг ва баҳодиҳӣ - Исаев Ш, рӯзи 18 майи соли ҷорӣ ба ноҳияи Восеъ ва шаҳри Кӯлоб ба сафари хизматӣ нақша кардем.

Сафар аз ш. Кӯлоб оғоз гардид ва бо Роҳбари дастгоҳи раиси шаҳр ва мудири бахшӣ саноат, энергетика ва нақлиёти комуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти  давлатии шаҳри Кӯлоб вохӯрӣ намудем.

Дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб бо хоҷагии деҳқонон чор ҷамоати минтақаи шаҳри Кӯлоб ва соҳибкорони инфиродӣ семинари муаррифи оид ба лоиҳаи “Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон” ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба усулҳои маблағгузории исломӣ гузаронида шуд. Дар семинари мазкур 40 нафар деҳқонон иштирок намудаанд, ки аз онҳо 9 нафарашон занон буд. Семинари мазкур бо суханҳои ифтитоҳии Абдуразоқ Хочақулов - мудири бахшӣ саноат, энергетика ва нақлиёти комуникатсия оғоз гардид. Мутахасисони лоиҳа ба иштирокчиени семинар муаррифи гардидаанд, ва сухан ба Маҳмадиев Илҳом дода шуд, ҳамоҳангсози лоиҳа дар бораи лоиҳаи “Беҳтар намудани идоракунии заҳираҳои об дар вилояти Хатлон” ва маълумотӣ мухтасар оид ба қисматҳои (компонентоҳои) лоиҳа маълумот дод.






Баъд сухан ба Мирақилов Х., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ дода шуда дар бораи аҳдҳои Музораба, Муробаҳа, Мушорака, Салам ва Салами мувозӣ, Иҷора ва Иҷораи мутаҳия битамлик ба ҳозирин маълумот дод. Дар рафти семинар иштирокчиён фаъолона иштирок намуда ва чунин саволҳо дода шуд:

- Наимова А., аз мутахасисони лоиҳа оид ба маблағҳои қарзие, ки ба мизоҷон дода мешавад пурсон кардаанд, ки маблағи накдӣ дода мешавад, оё мол ва таҷҳизот харида дода мешавад?
- Ба саволи Наимова А., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ чунин посух доданд: Дар доираи лоиҳаи "Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон" ва мувофиқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон " дар бораи фаъолияти бонки исломӣ" ки аз соли 2014 қабул гардидааст, аз ҷониби бонкҳои исломӣ, равзанаҳои бонкии исломӣ, ширкатҳои лизинги (мувофиқи стандартҳои бонкии исломӣ) кору фаъолият мекунанд ва ба мардум хизматрасони меномоянд. Маблағи нақд дар ҳолати истифода бурдани аҳдӣ "Салам ва Салами мувозӣ" аз ҷониби ташкилотҳои карзии исломӣ дода мешаванд, агар чунин муҳсулоти бонкии исломӣ омода бошад, яъне, мисол ба шумо барои соҳаи қишоварзӣ ва истеҳсолот маблағ лозим шуд аз ташкилотҳои қарзии исломӣ дастрас карда мешавад, аммо баъди таҳлил оид ба бизнес

план, устувор будан ва пардохтпазирии мизоҷ, ки дар оянда хосила фурухта маблағро бар гардонида тавонанд. Агар ба мизоҷ таҷхизот ва молӣ аниқ лозим бошад аҳдӣ “Мурабаҳа” истифода бурда мешавад, яъне бонки исломӣ молро аз тавхилгар/фурушанда харида бо изофапулӣ ба мизоҷ мефурушад. Мизоҷҳо маблағро тибқи нақшаи пардохтҳо бар мегардонад.

- Амиршоев Х., чунин савол доданд: Дар ҳолати гирифтани қарз аз лоиҳа ва муфлис гаштани ташкилот ё ин ки соҳибкори инфиродӣ маблағҳои қарзи гардонида мешавад ё не?
- Ба саволи Амиршоев Х., ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои тарғиботӣ чунин посуҳ доданд:

  Дар ҳолати ғайри мақсаднок истифода бурдани маблағ ва хунукназарӣ аз тарафи шаҳси ҳукукӣ ва шахси вокъей аз ҷониби мутахасисони ташкилоти қарзии исломӣ таҳлил ва санҷиш гузаронида мешавад, ва агар дар ҳақиқат қарзгиранда бепарвоӣ ё инки дидаю дониста ва ғайри мақсаднок маблағро истифода бурда бошад, албатта уҳдадор мешавад маблағро бар гардонад. Дар дигар ҳолатҳо низ (дар ҳолати муфлисшавӣ) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шояд талабот оиди ухдадориҳо ва иҷрои қонунгузорӣ иҷро карда шавад ва макомотҳои давлатии дахлдор дар ин ҳолат пеш аз ҳамма барраси хоҳад кард.






Баъд аз ҷамъбастии семинар, ба ноҳияи Восеъ сафар кардем ва бо Муовини раиси ноҳияи Восеъ вохӯрӣ намудем. Дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Восеъ бо деҳқонони ҳафт ҷамоати минтақаи Восеъ семинарро идома додем. Дар семинари мазкур 35 нафар иштирок намудаанд, аз онҳо 1 нафараш зан буд. Семинари мазкур бо суханҳои ифтитоҳии Давлатзода Қ.- муовини раиси ноҳия Восеъ оғоз гардид. Мутахасисони

лоиҳаро ба иштирокчиени семинар муаррифи карданд. Баъдан, сухан ба ҳамоҳангсози лоиҳа Маҳмадиев И., дода шуд.





Баъд аз анҷоми муарифии лоиҳа сухан ба Миракилов Хуршед дода корҳои фаҳмондадиҳиро оиди усулҳои маблағгузории исломӣ маълумот дод. Аз ҷониби деҳқонон чунин саволҳо дода шуд:

- Фоизи миёнаи қарзии бонки Исломӣ чӣ қадар мебошад?

Ба савол Маҳмадиев И., чунин посух дод: Фоизи солонаи маблағгузорӣ аз бонки Исломӣ ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунад аз 18 то 24%-ро ташкил медиҳад, вале ин фоиз нест, ҳаққи изофапулӣ мебошад.

- Маблағҳои қарзӣ аз чониби кадом бонкҳо дода мешавад?

Ба саволи иштирокчи Маҳмадиев И., чунин посух дод: Ташкилотҳои карзии исломӣ (Бонкҳо, ТАКХ ва ғайра), ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи барои фаъолиятӣ бонкии исломӣ дода шудааст.

- Инчунин иштирокчиён пурсон шуданд:

Маблағҳои қарзӣ бо асъори миллӣ дода мешавад оё бо асъори хориҷӣ?
Ба саволи иштирокчи Маҳмадиев И., чунин посух дод:
Маблағгузорӣ бо асъори миллӣ – сомонӣ, дода мешавад, яъне аз хавфи асъори деҳқонон ва соҳибкорон озод мебошанд.

Қобили қайд аст, ки семинарҳои шиносоӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеъ самаранок гузаронида шуда ва аз ҷониби мутахассисони лоиҳа маълумоти муфассал дар бораи лоиҳа ба иштирокчиёни семинар расонида шуд.





Дар баробари гуфтаҳои боло, аз ҷониби деҳқонон ва соҳибкорон ҳавасмандии беандоза баён карда шуд.

Дар рафти рунамои лоиҳа иштирокчиёни чорабинӣ фаъолона иштирок намуда, мақсад, вазифа ва талаботҳои лоиҳаро баррасӣ намуданд ва ба саволҳои худ ҷавоб гирифтанд. Дар ду чорабиниҳои мазкур дар умум 75 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо 10 нафараш занон буданд.